“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________ Қурбонзода М.Р.
“_23_” ___05___________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия Асрорзода Абдулло Саттор ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, рушди иқтисоди сабз, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ тавсиф мегардад, соҳибкорӣ ба яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодӣ, баланд гардидани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бисёр маврид аз сатҳи рушди бахши хусусӣ ва самаранокии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ вобастагии мустақим дорад. Дар ин замина, ташаккул ва такмили

механизмҳои муосири ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ва шарти зарурии рушди устувор арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳими таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ эътироф гардидааст. Дар солҳои охир барои беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии истеҳсолоти ватанӣ ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ як қатор ислоҳоти иқтисодӣ амалӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи кунунӣ нишон медиҳад, ки дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва низоми ҳамкории онҳо бо мақомоти давлатӣ ҳанӯз ҳам як қатор мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи нисбатан баланди арзиши қарзҳо, нокифоя будани рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ, инчунин самаранокии нокифояи баъзе воситаҳои дастгирии давлатӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.

Ҳамзамон, таҳаввулоти муосири иқтисодӣ ва гузариши тадриҷии иқтисоди миллӣ ба принсипҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва иқтисоди рақамӣ зарурати бознигарӣ ва такмили муносибатҳои давлат ва бахши хусусиро ба миён овардааст. Дар чунин шароит истифодаи шаклҳои нави ҳамкорӣ, густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои инноватсионии танзими соҳибкорӣ аҳамияти бештар пайдо менамояд. Ин талаб мекунад, ки механизмҳои мавҷудаи ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ба шароити нави иқтисодӣ мутобиқ гардонида шуда, самаранокии онҳо баланд бардошта шавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, омӯзиши таҷрибаи амалии ташкили чунин ҳамкорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизми мазкур дар шароити рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Маҳз ҳамин омилҳо мубрамият ва аҳамияти махсуси мавзуи диссертатсионии Асрорзода А.С.-ро муайян намуда, зарурати анҷом додани таҳқиқоти ҳамаҷонибаро дар ин самт асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия механизми рушди ҳамкории мақомоти давлатӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Ба натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, фарогири нуктаҳои зерин мебошанд:

- муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равиши нави илмию методии ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва субъектҳои соҳибкориро ҳамчун унсури муҳими рушди устувор таҳия намудааст. Ба андешаи ӯ, чунин ҳамкорӣ бояд ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ амал намояд. Дар ин раванд, нақши калидӣ дар ташаккули муҳити институтсионалӣ ва муайян намудани самтҳои рушди иқтисодӣ ба давлат вогузор мегардад. Дар навбати худ, субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун манбаи ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи инноватсияҳо ва истифодаи самараноки захираҳо баррасӣ мешаванд. Чунин равиш зарурати мутобиқсозии механизмҳои ҳамкории байни давлат ва бахши хусусиро ба шароити муосири иқтисодӣ талаб менамояд;

- дар асоси таҳлили анҷомдодашудаи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосии рушди он ва хусусиятҳои калидӣ ошкор гардида, самтҳои муҳими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шудаанд. Диссертант ба хулоса омадааст, ки сарфи назар аз афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва таҳкими мавқеи бахши хусусӣ дар иқтисоди миллӣ, мавқеи асосиро то ҳол соҳибкории хурд ва инфиродӣ ишғол менамояд. Ҳамзамон, омилҳои асосие, ки рушди соҳибкории миёна ва калонро маҳдуд месозанд, нокифоя будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани сатҳи баланди фоизҳои қарзӣ мебошанд, ки ба таври ҷиддӣ густариши фаъолияти соҳибкориро душвор мегардонанд;

- дар асоси таҳлили рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳо ва маҳдудиятҳои муҳити соҳибкорӣ муайян гардидаанд, ки маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва нокифоягии инфрасохтори дастгирӣ ҳамчун омилҳои асосии боздорандаи фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунанд;

- дар диссертатсия самтҳои асосии такмили ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамисозии иқтисодиёт ва гузариш ба рушди устувор муайян карда шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, таъсиси платформаҳо барои ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ ва давлат, рушди иқтисоди сабз ва татбиқи механизмҳои шарикии давлативу хусусӣ метавонанд самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкориро баланд бардоранд. Дар ин робита зарурати такмили сиёсати давлатӣ бо дарназардошти равандҳои рақамикунонӣ, дастгирии ташаббусҳои сабз ва ҳавасмандгардонии соҳибкории инноватсионӣ исбот карда шудааст;

- модели мукаммали такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он ҳамгироии воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявии дастгирии соҳибкорӣ пешбинӣ

карда мешавад. Модели таҳияшуда ба фароҳамсозии шароити мусоиди рушди соҳибкорӣ, тақвияти заминаҳои институтсионалии дастгирӣ, сафарбарсозии сармояи хусусӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисод ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ равона гардидааст. Татбиқи чунин модел имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ ба сатҳи сифатан нав бароварда шуда, рушди соҳибкории инноватсионӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад;

- консепсияи такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ пешниҳод гардида, ҳамкории онҳо ҳамчун низоми ҳамгирои танзими муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ асоснок шудааст, ки мутобиқсозии механизми онро ба талаботи рақамикунонии иқтисод ва рушди иқтисоди сабз пешбинӣ менамояд;
- самтҳои афзаолиятноки такмили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ муайян гардидаанд, ки ба рақамикунонӣ, рушди иқтисоди сабз ва густариши шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омилҳои калидии баланд бардоштани самаранокии сиёсати соҳибкорӣ такя менамоянд;
- модели такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, ки ба ҳамоҳангсозии фишангҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ асос ёфта, ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дар таҳияи консепсияи илмии таҳқиқот, муайян намудани самтҳои асосии омӯзиши масъала, интихоби усулҳои мувофиқи тадқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои илмии нав ифода меёбад.

Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб мустақилона таҳлили назариявии масъалаҳои марбут ба ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкориро анҷом дода, хусусиятҳо, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди чунин ҳамкориро дар шароити рушди устувори иқтисодӣ муайян намудааст. Дар асоси омӯзиши вазъи муосири рушди соҳибкорӣ ва низоми дастгирии давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъсиррасон, маҳдудиятҳо ва мушкилоти асосии рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ошкор ва арзёбӣ гардидаанд.

Аз ҷониби довталаб таҳлили ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ гузаронида шуда, дар ин замина роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили

механизмҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалии пешниҳодшуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи илмии довталаб буда, саҳми шахсии ӯро дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ инъикос менамоянд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 176 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири  18 ҷадвал, 10 расм ва 2 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 140 номгуй иборат аст.

Дар муққадима муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, дар бораи татбиқи натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

Боби аввал «Асосҳои илмию назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» моҳият ва нақши ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, нақши танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, инчунин шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккули ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия асосҳои назариявии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, моҳият, мазмун ва аҳамияти ин раванд дар рушди иқтисодиёти муосир муайян карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлил муқаррар гардид, ки рушди устувор ҳамчун консепсияи муосири рушди иқтисодӣ ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро тақозо намуда, ташаккули шаклҳои нави ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусиро талаб менамояд. Исбот шудааст, ки дар шароити афзоиши таҳдидҳои экологӣ, тағйирёбии иқлим ва маҳдуд гардидани захираҳои табиӣ, ҳамкории муассири давлат ва соҳибкорӣ ба яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди дарозмуддат ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Дар баробари ин, дар тадқиқот накш ва ҷойгоҳи танзими давлатӣ дар ташаккул ва рушди

муносибатҳои байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамаҷониба арзёбӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки танзими давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими татбиқи сиёсати иқтисодӣ барои фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, нигоҳдории мувозинати бозорӣ, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ ва таҳкими заминаҳои институтсионалии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамчунин, асоснок гардидааст, ки дар шароити иқтисоди муосир дастгирии давлатии соҳибкорӣ бояд ҳамчун низоми мукаммали тадбирҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва инфрасохторӣ баррасӣ карда шавад. Татбиқи самараноки чунин тадбирҳо имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти соҳибкорӣ густариш ёфта, сатҳи сармоягузорӣ, навоварӣ ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор баланд бардошта шуда, ҳамзамон самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ тақвият ёбад (расми 1, саҳ.18).

Дар тадқиқот асоснок карда шудааст, ки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ҳамчун унсури муҳими сиёсати иқтисодӣ тавассути истифодаи маҷмӯи фишангҳои молиявӣ, андозӣ, институтсионалӣ ва иттилоотӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Муаллиф қайд мекунад, ки татбиқи имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо, грантҳо, кафолатҳои давлатӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ имконият фароҳам меорад, ки дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ ва инфрасохторӣ беҳтар гардида, самаранокии фаъолияти онҳо баланд бардошта шавад. Дар ин замина, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва механизмҳои муосири дастгирӣ ҳамчун омили муҳими такмили ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, дар диссертатсия шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки дар шароити маҳдудияти захираҳои давлатӣ, афзоиши талабот ба рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Асоснок гардидааст, ки чунин шакли ҳамкорӣ имкон медиҳад захираҳо ва имкониятҳои давлат ва бахши хусусӣ муттаҳид гардида, самаранокии татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баланд бардошта шавад (расми 2, саҳ.19).

Муаллиф шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун шакли муосири ҳамкории институтсионалӣ арзёбӣ намуда, асоснок менамояд, ки он на танҳо воситаи ҷалби сармояи хусусӣ, балки механизми ҳамгироии захираҳо, тақсимоти хавфҳо ва масъулият, инчунин татбиқи самараноки лоиҳаҳои

инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Муайян гардидааст, ки самаранокии ин модел аз мавҷудияти муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, механизмҳои устувори молиявӣ ва низоми самараноки мониторинг вобаста буда, истифодаи он ба рушди сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар хулосаи боби аввал асосҳои назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҷамъбаст гардида, моҳият, принсипҳо ва шаклҳои асосии чунин ҳамкорӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, нақши давлат дар ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва аҳамияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳими ҷалби сармоягузорӣ, рушди инноватсионӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳлили вазъи муосири рушд ва ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ» (саҳ. 62-95) номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкориро мавриди таҳлил қарор дода аст. Дар ин замина, нақши ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ арзёбӣ гардида, рушди низоми молиявӣ ва шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳими устувории соҳибкорӣ баррасӣ гардидааст.Ҳамзамон, таҷрибаи ҷаҳонии ҳамкории самараноки давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ таҳлил гардида, имкониятҳои истифодаи он дар шароити миллӣ муайян карда шудаанд.

Дар диссертатсия вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муайян шудааст, ки дар солҳои охир рушди соҳибкорӣ тамоюли мусбат дошта, шумораи субъектҳои хоҷагидор мунтазам афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, таҳлили сохтории бахш нишон медиҳад, ки қисми асосии субъектҳои соҳибкориро соҳибкорони инфиродӣ ташкил дода, дар ташаккули муҳити соҳибкории кишвар нақши муҳим мебозанд.

Дар тадқиқот инчунин рушди низоми молиявӣ ва нақши он дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ арзёбӣ шудааст. Асоснок гардидааст, ки таъмини суботи макроиқтисодӣ, рушди институтҳои молиявӣ ва тавсеаи имкониятҳои маблағгузорӣ барои рушди соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шудааст, ки густариши фарогирии молиявӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва афзоиши иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар низоми расмии молиявӣ ба беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ мусоидат намудааст. Ҳамчунин, таҳлили фаъолияти

низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки нақши қарздиҳӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии дастгирии соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодӣ тадриҷан тақвият меёбад (ҷадвали 3, саҳ. 71).

Боби сеюм – «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ»» (саҳ. 111 - 139) номгузорӣ шуда, он дарбаргирандаи масъалаҳои такмили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосири рушди иқтисодӣ бахшида шудааст.Муаллиф масъалаҳои марбут ба рақамикунонии иқтисодиёт, татбиқи технологияҳои сабз, беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ва такмили механизмҳои иқтисодию молиявии ҳавасмандгардонӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Қайд карда мешавад, ки татбиқи технологияҳои муосир, рақамикунонии равандҳои идоракунӣ, истифодаи низомҳои электронии хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сабз метавонанд ба баланд гардидани рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, муаллиф зарурати дастгирии давлатӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисоди рақамиро асоснок кардааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва такмили низоми хизматрасонии давлатӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти калидӣ доранд. Ҳамзамон, зарурати рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла марказҳои машваратӣ, низоми иттилоотӣ, инфрасохтори рақамӣ ва васеъ намудани имкониятҳои дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ муҳим арзёбӣ шудааст.

Муаллиф масъалаҳои такмили механизмҳои молиявӣ, дастгирии сармоягузорӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ҷалби сармояи хусусиро таҳлил намудааст. Дар ин замина модели такмилёфтаи дастгирии давлатӣ пешниҳод гардидааст, ки метавонад барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт мусоидат намояд.

Дар қисмати ҷамъбастии боби сеюм натиҷаҳои асосии таҳқиқот хулосабарорӣ гардида, тавсияҳои мушаххаси илмӣ ва амалӣ ҷиҳати такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, рушди муҳити рақобатпазир ва таҳкими заминаҳои рушди устувори иқтисодӣ пешниҳод шудаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифода аз усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи

таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда, дар умум аз рӯйи сохтор, мазмун, ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои гузоштташудаи таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ ба таври мантиқӣ ва илмӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкориро таҳлил намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои дастгирӣ ва танзими фаъолияти соҳибкориро дар шароити иқтисоди муосир пешниҳод кардааст.

Истифодаи пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилоотии созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** дар асоснокунии назариявӣ ва методологии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодот ва тавсияҳои дар диссертасия коркардашударо метавон ҳамчун воситаи беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади боз ҳам такмил додани механизмҳои иқтисодӣ ва молиявии ҳавасмангардонии ҳамкории давлат ва субектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаи стратегии рушди соҳибкорӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд барои такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ истифода гарданд.

Илова бар ин, муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити рушди устувор хизмат намоянд.

Натиҷаҳои бадастомада инчунин метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар самтҳои афзалиятноки ҳамкории давлат бо субектҳои соҳибкорӣ ва унсурҳои асосии он мусоидат намуда, рушду ташаккулёбии иқтисодиёти кишварро вобаста ба шароити рушди инноватсионӣ ва дигаргуншавии он таъмин намояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки такмили дурусти механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ва самаранок идора кардани он боиси беҳтар истифода бурдани онро нишон дода, рушди босуботи иқтисодиётро таъмин менамояд. Дар ҳолати рушд кардани иқтисодиёт, шароитҳо ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ беҳтар гардида, дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дар як дараҷаи хуб қарор мегирад. Ҳамзамон, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсули захираҳои меҳнатӣ, ихтисосмандӣ ва таълимоти бефосилаи касбии онҳо мусоидат намуда, ҷои кори доимӣ ва зиндагонии шоистаро таъмин менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаандаи илмӣ.**

Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Асрорзода А.С мутахассиси варзида дар соҳаи иқтисоди соҳибкорӣ ва механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассуси унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқараршудаи шиносномаи тахассусии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба талаботҳои муқараргардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳамияти баланди илмӣ-амалии натиҷаҳои бадастомада, дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва ҷанбаҳое ҷой доранд, ки ҳамчун эроду тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардидаанд, аммо таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба ташаккули механизмҳои муосири ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ба пуррагӣ таҳлил нагардидааст.
2. Ҳангоми таҳлили рушди соҳибкорӣ имкониятҳои истифодаи усулҳои иқтисодию риёзӣ барои муайян намудани таъсири омилҳои алоҳида ба самаранокии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ба таври кофӣ истифода нашудаанд.
3. Дар таҳқиқот масъалаҳои рақамикунонӣ ва иқтисоди сабз баррасӣ гардидаанд, аммо арзёбии иқтисодии самаранокии татбиқи баъзе пешниҳодҳои муаллиф ба дараҷаи зарурӣ инъикос нагардидааст.
4. Модели пешниҳоднамудаи такмили механизми ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дорои аҳамияти амалӣ мебошад, аммо масъалаҳои татбиқи марҳилавии он бо нишондиҳандаҳои мушаххаси баҳодиҳӣ ба таври мукаммал асоснок нагардидаанд.
5. Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи воситаҳои муосири молиявӣ, аз ҷумла молияи сабз ва сармоягузории устувор, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале баъзе ҷанбаҳои татбиқи онҳо дар рушди ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ба таври амиқ таҳқиқ нагардидаанд.
6. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъии таҳририӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба беҳтар гардидани сифати таҳририи кор мусоидат менамояд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, асосан ба такмили минбаъдаи таҳқиқот нигаронида шудаанд ва ба арзиши илмӣ, навгонии илмӣ,

аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Асрорзода Абдуло Саттор ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ҷавобгу мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобикат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи унвонҷу таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбахои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедари фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Аминов Р.Ҷ. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраҳои фаъолияти гумрукӣ ва менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 10 аз 22.05.2026).

Дар ҷаласаи кафедраҳо иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили
сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав н.и.и., дотсент Наимов Б.Қ.

**Эксперт:**
Дотсенти кафедари фаъолияти гумрукии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав н.и.и., дотсент Аминов Р.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи менҷмент ва ва ташкили
сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав н.и.и., дотсент, н.и.и., дотсент Маҷнунова М.Ҳ.

*Имзои Наимов Б.Қ., Аминов Р.Ҷ. ва Маҷнунова М.Ҳ. ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. btsu78@mail.ru
**Телефон:** +992 3322) 2-45-20, 2-22-53.